**Назарзода С.**

# КИТОБ ГАНҶИНАИ ДОНИШ АСТ.

Китоб сарчашмаи илму дониш аст. Китоб моро ба ҷаҳони олами ҳастӣ ошно месозад. Китоб барои аҳли башарият дари дониш, хираду фарҳангро мекушояд, ва инсонро ба олами маънӣ ҳидоят менамояд. Шахсе ки пайваста китоб мехонад монанди дарахте ҳаст ки меваҳои он ҳар лаҳза инсонро тавону имони виҷдон мебахшад. Тоҷикон дар тамоми тӯли таърихи башарият соҳиби фарҳанги баланди китобдориву китобхонӣ буда, китобро чун гавҳари пурқимат эҳтиёт мекарданд, чунки китоб сарчашмаи ақлу хирад, донишу заковат буда беҳтарин ҳамнишину ҳамроз, омӯзгори беминнат, ҳамсӯҳбати хушгуфтору беозор мебошад. Китоб таърихи куҳанбунёди мо, ганҷинаҳои тамаддуни башарӣ, дурдонаҳои назми ҳазорсолаи мо, достонҳо ва илму дониши даврони бостониву имрӯзаро бар худ нигоҳ медорад. Китоб бо нури донишу маърифат роҳи мардумонро равшан сохта, боиси ҳастиву пойдории миллат, таърих, забон, адабиёт ва фарҳанг гардидааст. Фарҳангиёни тоҷик дар гузашта дорои савияи баланди фарҳангиву маънавӣ буданд ва аз байни онҳо олимону нависандагон, орифону фозилони барҷастаи сатҳи ҷаҳонӣ пайдо шудаанд. Бинобар ин аҳли зиёи тоҷик аз қадим то замони мо китобҳои зиёди илмҳои мухталифи давру замон, фалсафаву дин, ахлоқу одоб, тартибу қоидаҳои зисту маишат, кайҳоншиносӣ, риёзӣ, тиббӣ, кимиёвӣ ва ғайра аз худ боқи гузоштаанд.

Дар сарзамини бостонии мо китобу китобнависӣ анъанаи қадимӣ дошта, нахустин китоби мардуми эронинажод «Авесто» буда, дар 12 ҳазор пӯсти гов навишта шуда буд. Хаттотони машҳури Балху Бухоро, Самарқанду Хуҷанд, Марву Ҳирот, Хатлону Кобул ва дигарон асарҳои донишмандони худро дар пӯсти нахчир, дар коғазҳои хушсифат рӯбардор менамуданд. Китобдорӣ ва китобхонасозӣ дар

замони ба сари қудрат омадани сулолаҳои тоҷикии хонадони Бармакиён, Тоҳириён, Саффориён ва хусусан, дар аҳди Сомониён хеле рушду густариш ёфт Дар давраи Сомониён халқи тоҷик давлати миллии худро пурра таъсис дод, забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ, сиёсӣ, низомӣ, дипломатӣ, адабӣ густариш ёфт. Китобдорӣ ва бунёди китобхонаҳо аз нав равнақи тоза пайдо кард Аксари шаҳрҳо китобхона доштанд. Дар аҳди Сомониён китобхонаҳои дарборӣ, шахсӣ ва муассисоти динӣ фаъолият доштанд. Дар пойтахти давлати Сомониён шаҳри Бухоро бузургтарин ва ғанитарин китобхона «Сивон-ул-ҳикмат» фаъолият дошт, ки ба илми китобхонашиносӣ ва китобдории тоҷикон замина гузошт. Доир ба ин китобхона Абӯалӣ ибни Сино чунин навиштааст: «Рӯзе аз ӯ (Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ) иҷозат пурсидам, ки ба китобхонаи эшон дароям ва ба мутолиа ва хондани китобҳои тиб, ки дар он ҷост, бипардозам. Вай маро иҷозат до два вориди сарое шудам,ки хонаҳои бисёр дошта, ҳар хонае сандуққои китоб болои ҳам чида шуда буданд. Дар як хона китобҳои илмии арабӣ ва китобҳои шеър, дар дигараш китобҳои фиқҳ ва ҳамин тавр дар хонае як илме ҷой дошт. Сипас, феҳристи китобҳои пешиниёнро мутолиа намуда он чиро, ки бадон ниёз доштам, ҳостам. Китобҳоеро дидам, ки бисёр касон ҳатто номашонро намешуниданд. Он китобҳоро хонда, ғизои маънавӣ гирифтам ва андозаи дониши ҳар мардро шинохтам»[1].

Баъди аз байн рафтани Сомониёну ва Ғуриён ва ба сари қудрат омадани сулолаҳои гуногун туркиву муғулӣ, ғазнавӣ, қарахонӣ, сулчуқӣ, қарахитоӣ, чағатоӣ таъсири суннатҳои китобдорӣ ва фаъолияти китобхонаҳои даврони Сомониён, хеле бузург буд. Баъди истилои сарзамини аҷдодии тоҷикон онҳо ночор ва батадриҷ ҳаёти шаҳрӣ ва зироаткориро қабул карданд, ва рӯ ҷониби китобу китобхона, макотибу масоҷид меоварданд. Вале китобҳои зиёде бар

[1] Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб.- Душанбе.- с. 19

асари ҳуҷуму тухтутозҳои аҷнабиён тороҷ шуда, дар натиҷаи кашмакашиҳои феодалӣ пурра барбод рафтанд . Сарвари тоҷикони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон, дуруст иброз медорад, ки «Ҳар лашкаркаше, ки ба сарзаминҳои Мовароуннаҳру Хуросон ҳамла меовард, пеш аз ҳама, марказҳои маънавӣ ва китобхонаву донишмандонро маҳву нобуд месохт».

Вале мардуми ҷоннисору ҷонсахти тоҷик баъди ҳар як тороҷгариву тохтутозҳои ҷаҳонсӯз мисли мурғи самандар аз ҳалқаи оташ берун меҷаст ва боз ҳам зиндагонии навини худро аз бунёди китобхонаву муасисаҳои таълимӣ оғоз мекард.

Имрӯз, ки тамоми мардуми куҳанбунёди тоҷик 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро бо меҳнату кори фидокорона ва дастовардҳои бузург дар роҳи ободониву созандагии кишвар пешвоз мегирад. Китобхонаи миллии Тоҷикистон ҳам яке аз пирӯзиҳои асосӣ дар татбиқи сиёсати фарҳангии Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Бояд гуфт, ки Китобхонаи миллии Тоҷикистон соли 1933 дар заминаи китобхонаи шаҳрии пойтахт таъсис ёфта, соли 1934 ба ифтихори 1000-солагии Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ номи ӯро гирифт. Соли 1993 бошад Китобхона мақоми миллиро дарёфт кард.

Бо гузашти ҳудудан 80 сол бинои собиқ ба талабот ҷавобгӯ нашуд. Афзудани теъдоди китобҳо ва фарсуда шудани рафҳои китобмонӣ дар таҳхонаи бино, ки маъмулан бойгонӣ дар он нигаҳдорӣ мешуд, заҳ кашидан ва бар асари он хароб шудани сохтори китобҳо, ҳамчунин замонавӣ набудани толорҳои хониш боис шуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди бунёди як бинои

мутобиқ ба шароити замон тасмим бигирад. Бинобар ин 4-уми сентябри соли 2007 бо иштироки Сарвари тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хишти аввалини бинои нави китобхона гузошта шуд.

Ниҳоят баъди панҷ сол дар арафаи Наврӯзи соли 2012 боз ҳам бо ширкати сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бинои нави китобхона расман ифтитоҳ шуда, бо номи Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ кард. Китобхона асосан дар чаҳор самт фаъолият мебарад: китобнигоҳдорӣ, хониш, хизматрасонӣ ва баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ.

Бинои нав 167 метр дарозӣ ва 52 метр баландӣ дорад. Масоҳати умумии китобхона 44 ҳазору 78 метри мураббаъ мебошад. Аз нигоҳи масоҳат, ғунҷоиши хазинаҳои китоб, фарогирии хадамоти китобдорию иттилоотӣ ва фаъолияти фарҳангӣ бинои нави Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ беназир аст.

Китобхонаи миллӣ дар даврони истиқлол фаъолияти худро тибқи санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи китобдорӣ , аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи иттилоот» ва дигар санадҳо роҳандозӣ намуда, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Айни замон дар китобхона 40 шуъба, марказ ва бахшу гушаҳо амал мекунанд, ки дар онҳо зиёда аз 500 нафар мутахассисони баландихтисоси дорои маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ кору фаъолият доранд. Хазинаи Китобхона аз ҳисоби нусхаҳои ҳатмӣ, харидорӣ, мубодилаи китоб ва китобҳои тухфашуда аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пурра гардонида мешавад. Хазинаи Китобхона дар нимаи аввали соли 2016 – 3221631 нусха ва 2580999 нусха тухфа аз аҳолӣ дар маҷмӯъ

5802630 нусхаро ташкил медиҳад. Шумораи умумии хонандагони Китобхона қариб ба 100000 нафар расидааст, ки аксари онҳоро донишҷӯён, унвонҷӯён, хонандагони мактабҳои миёнаи умумӣ ва ғайраҳо ташкил мекунад, ки ҳар рӯз ба ҳисоби миёна 985 нафар аз махзанҳои Китобхона истифода мебаранд. Дар ганҷинаи нодири Китобхона 2576 нусхаҳои хаттӣ ва 22443 китобҳои чопи сангию муосир мавҷуданд. Аксари ин мавод ба забони тоҷикӣ ва инчунин ба забонҳои Шарқ, аз қабили арабӣ, ҳиндӣ, туркӣ, урду, уйғурӣ ва ғайраҳо навишта шудаанд. Онҳо дар мавзӯъҳои гуногун китобат шудаанд ва аз лиҳози таърихи китобати худ аз асрҳои Х111 то аввалҳои асри ХХ-ро дар бар мегирад. Барои таъмини талаботи рӯзмарраи хонандагон ба Китобхона ҳар ҳафта 47 номгӯи рӯзнома ба забони давлатӣ, 19 номгӯи маҷаллаҳои дохилӣ, 6 номгӯи рӯзнома ба забони русӣ ва 55 номғӯи маҷаллаҳои хориҷӣ ворид мегардад.

Дар шароити имрӯза яке аз самтҳо муҳими пешбурди фаъолияти Китобхонаи миллӣ ворид гардидан ба ҷаҳони муосири иттилоотӣ ба ҳисоб рафта, дар ин замина як қатор корҳо ба анҷом расонида шуд. Талаботи иттилоотии хонандагон тавассути технологияи иттилоотии муосир амалӣ мегардад. Фаъолияти Китобхона дар асоси барномаи «Алеф» ба роҳ монда шудааст. Ин барнома имрӯз ба забони тоҷикӣ баргардонида шуда, минбаъд ҳамчун намуна барои китобхонаҳои дигари ҷумҳурӣ пешниҳод хоҳад шуд. Феҳристи электронӣ 188721 номгӯи китобро дар бар мегирад. Аз 691 компютери Китобхона 302 адади он ба шабакаи Интернет пайваст буда, хонандагон бо истифода аз онҳо аз маводҳои электронии Китобхонаи миллӣ ва дигар китобхонаҳои дохилӣ ва хориҷӣ васеъ истифода мебаранд. Сомонаи Китобхона www. kmt.tj соли дуюм аст, ки фаъолият дорад. Он аз равзанаҳои зерин: асосӣ, хабарҳо, сохтор,қонун, махзани электронӣ, роҳнамои хонанда, суратхона ва тамос иборат буда, оид ба фаъолияти Китобхона, навгониҳо чорабиниву маҳфилҳо ва ғайраҳо мунтазам

мавод чоп мекунад. Ҳамарӯза ба ҳисоби миёна 830-850 нафар аз он истифода мекунад.

Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои ҳамоҳангсозӣ ва мутаҳҳидгардонии фаъолияти китобхонаҳои кишвар, бозомӯзӣ ва такмили дониши китобдорон ва дар амал татбиқ намудани сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи китобу китобдорӣ пайваста талош меварзад. Ҳамчун маркази илму дониш таҳия намудани дастурҳои методӣ ва библиографӣ, инчунин баргардону ва ба нашр расонидани китобҳои илмӣ ва татбиқи барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисосу бозомӯзӣ барои кормандони китобхонаҳои давлатӣ-оммавии ҷумҳурӣ самти дигари фаъолияти Китобхонаи миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт аллакай як қатор корҳо амалӣ гаштааст. Ин пеш аз ҳама силсиланашр таҳти унвони «Тоҷнома» мебошад, ки айни замон китобҳои ин силсиланашр ба монанди «Авасто», «Мероси хатти бостон», «Шоҳномаи Саолибӣ», «Таърихи Байҳақӣ», «Зайн-ул – ахбор», «Тоҷикон»-и А. Шишов аз чоп баромада, дастраси хонандагон гаштаанд. Барои китобхонаҳои ҷумҳурӣ як қатор дастурҳои методӣ ва библиографӣ аз ҷумла «Китобхонаҳои электронӣ ва дастёбӣ ба он». «Истифодаи навгониҳои соҳаи китобдорӣ тавассути технологияи иттилоотӣ», «Эмомалӣ Раҳмон. Китобномаи шарҳиҳолӣ», «Нобиғаҳои ҳама давру замон». «Ваҳдати миллӣ», «Об – манбаи ҳаёт», ва ғайраҳо таҳия ва нашр карда шудааст, ки барои пешрафти фаъолияти соҳаи китобдорӣ аҳамияти калон дорад.

Дар Китобхона барои омода намудани мутахассисони касбӣ корҳои зиёде ба сомон расонида шудааст. Барои баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбӣ кормандони мунтазам ба ҳамоишҳои илмӣ ва семинарҳои дохилию хориҷӣ, курсҳои такмили ихтисос ва

барои таҳсили ғоибона ба Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ва Коллеҷи ҷумҳуриявии фарҳанг ба номи П. Буйдоқов сафарбар карда мешаванд. Соли дуюм аст, ки Китобхона барои кормандони китобхонаҳои давлатӣ-оммавии ҷумҳурӣ барномаи махсуси кутоҳмуддати такмили ихтисос оид ба «Фаъолияти китобдорӣ-иттилоотӣ» омода ва таҳия намудааст, ки аллакай 100 нафар кормандони китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ва минтақаи Рашт ин курсро хатм намуда, соҳиби «сертификат» шудаанд.

Кормандони Китобхона дар тамоми чорабиниҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва оммавӣ фаъолона ширкат менамоянд. Илова бар ин дар Китобхона мунтазам мафҳилҳои адабии «Ҳамешабаҳор», «Суҳбат бо адиб», «Дарҳои боз» ва барои хонандагони хурдсол «Дастони моҳир» ва намоишҳои гуногуни китобӣ ташкил карда мешавад. Ҳамасола шумораи зиёди меҳмонони дохилию хориҷӣ ба Китобхона ташриф меоранд, ки барои онҳо сайёҳат ташкил карда мешавад.

Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо китобхонаҳои мамлакатҳои хориҷи дуру наздик ба монанди Русия, Эрон, Чин, Белорусия, Қазоқистон, Туркия Туркманистон ва ғайра созишномаҳои ҳамкорӣ дорад ва тавассути абонементи байни китобхонаҳо доду гирифт дорад. Ҳамчун аъзои фаъоли Ассамблеяи китобхонаҳои Авруосиё Китобхона дар тамоми ҳамоишҳои илмии он ширкат менамояд. Дар ҷаласаҳои солонаи ин созмон оид ба масъалаҳои муҳими соҳаи китобдорӣ, махсусан дар самти доду гирифти иттилоот, таъминоти кадрӣ, бозомӯзӣ, истифодаи захираҳои электронӣ ва масъалаи ҳамоҳангсозии фаъолияти китобхонаҳои миллии кишварҳои аъзо мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки нақши Китобхонаи миллии Тоҷикистон низ калон аст. Китобхонаи миллии Тоҷикистон тибқи созишнома бо Китобхонаи давлатии Русия хазинаи рисолаҳои

номзадӣ ва доктории ин китобхонаро, ки зиёда 500000 нусха рисолаҳоро ташкил медиҳад, дастраси хонандагон кардааст.

Дар рӯзҳои ҷашни 25-умин солгарди Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон ҳамроҳ бо тамоми мардуми зафарманди тоҷик таҳти Сарвари хирадмандонаи Пешвои миллат, Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сӯи созандагиву бунёдкорӣ ва ояндаи дурахшони ин сарзамини бостонӣ равон аст.